МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

Terre des hommes
Helping children worldwide.

# ГИРИФТАНИ КӮМАКИ УНВОНИИ ИҶТИМОӢ



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

# Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани кӯмаки камбизоатӣ заруранд, кадомхоянд?

## ҶАВОБ:

**Дар сурати вазнин будани шароити оила шаҳрвандон ба ҷамоати ҷои зист муроҷиат намуда, нисбати ин оила парвандаи ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешавад, ки он аз**:

- ариза;
- маълумотнома оид ба даромад ва амволи оила;
- маълумотнома оиди ҳайати оила;
- нусхаи шиносномаи сардори оила ва ҳуҷҷати маъюбӣ агар бошад иборат мебошанд.

Парвандаи мазкур ба бахши ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) барои муайян намудани сатҳи зиндагии оила пешниҳод карда мешавад. Пас аз муайян шудан аз ҷониби мақомоти номбурда кӯмаки ичтимоӣ таъин карда мешавад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ». Моддаи 13.**

**Барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат индикаторҳои асосии зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:**

Барои муайян намудани ҳуқуқи гирифтани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ, маълумоти зерин оид ба индикаторҳои некӯаҳволии оилаи камбизоат ба инобат гирифта мешаванд:

**а) Барои оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки дар деҳот истиқомат мекунанд:**

- ҳайати оила: шумораи умумии аъзои оила, шумораи маъюбони гурӯҳи I, кӯдакони маъюб, кӯдакони то синни 15-сола;
- мавҷуд будани молу амволи зерин дар оила: генератори барқӣ, яхдон, мошинаи дарздузии барқӣ, плита бо балони газӣ, антенаи радифӣ, нақлиёт (сабукрав ё боркаш);
- масолеҳи пӯшонидаи боми манзили истиқоматие, ки оила дар он истиқомат мекунад, аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо: қамишпӯш, лойпӯш, боми шиферпӯш, боми тунукагин, черепитса;
- масолеҳи девори ҳавлӣ: сементблок, тунука, лойдевор, симтур, тахта, чуб, дигар маҳсулот, девор надорад;
- масолеҳи таҳкурсии манзили истиқоматӣ: бетаҳкурсӣ, санг ва семент, сементблок, дигар масолеҳ;
- масолеҳи фарш: паркет, тахтаи рангдор, линолеум, семент, лой;
- ҳайвони хонагӣ: гов.

**б) Барои оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки дар шаҳр истиқомат мекунанд:**

- ҳайати оила: шумораи умумии аъзои оила, маъюбони гурӯҳи I, кӯдакони маъюб, кӯдакони то синни 15 сола;
- мавҷуд будани молу амволи зерин дар оила: генератори барқӣ, яхдон, плитаи барқӣ, мошинаи ҷомашӯи, антенаи радифӣ, нақлиёт (сабукрав ё боркаш);

- маълумотнокии сардори оила, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешавад: маълумот надорад, маълумоти ибтидоӣ (то синфи- таҳсилоти миёнаи нопурра, миёна, миёнаи техникӣ, олӣ ва баъдидипломӣ;
- масолеҳ барои пӯшондани боми манзили истиқоматие, ки оила дар он истиқомат мекунад, аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо: лойпӯш, семент бо бум, боми шиферпӯш, боми тунукагин, черепитса, полиэтилен;
- масолеҳи фарш: паркет, тахтаи рангдор, линолеум, семент, лой;
- ҳайати оила, вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи маълумотнокии сардори оила, теъдоди маъюбон, ноболиғон ва дигар аъзои ғайриқобили меҳнат дар оила;
- даромади пулию молии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- моликияти шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- ҳолати манзили истиқоматӣ;
- қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва заминҳои дигари дар ихтиёри оила қарордошта;
- шумора ва намудҳои чорвои шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- дигар индикаторҳое, ки бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ барои муайян намудани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат заруранд.

Индикаторҳои муайян намудани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ тағйир ёфта метавонанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худро камбизоат мешуморанд ва дар шароити душвори зиндагӣ қарор дошта, имконияти аз ин ҳолат мустақилона баромаданро надоранд, барои гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, идораи коммуналию манзилӣ ё кумитаи маҳаллаи ҷои истиқоматашон муроҷиат мекунанд.

Ба шаҳрвандоне, ки барои кумакпулии унвонии иҷтимоӣ муроҷиат менамоянд, аз ҷониби шахсони масъули мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, идораи коммуналию манзилӣ ё кумитаи маҳалла варақаҳо (ҳуҷҷатҳои) зарурӣ аз ҷумла «Ариза дар бораи таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ», «Маълумотнома дар бораи ҳайати оила» ва «Маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила» ба таври ройгон дода мешавад.

Шаҳрвандоне, ки худро камбизоат мешуморанд, барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба унвонии бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияи маҳалли зист ариза навишта, онро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ҷамоати деҳот ё шаҳр ва ё идораи коммуналӣ истифодабарии манзилӣ ё кумитаи худидораи маҳалли ҷойи истиқомат месупоранд.

## Барои таъйини кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод карда шаванд:

- ариза;
- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда (асли шиносномa ҳангоми супурдани ариза нишон дода мешавад);
- маълумотнома дар бораи ҳайати оила ва ҷойи истиқомат;
- маълумот дар бораи даромад ва молу амволи ҳамаи аъзои оила.

Ариза дар бораи таъйин намудани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила бо имзои раис ё котиби ҷамоати шаҳрак ё деҳот ва сардори идораи манзилию коммуналӣ тасдиқ карда мешавад, ки дар доираи салоҳияти худ саҳеҳии маълумоти пешниҳодшударо месанҷанд ва ба дурустии онҳо масъул мебошанд.



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.